# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ ИЛМУ МАОРИФИ МИЛЛӢ

4 сентябри соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Нақши Истиқлоли давлатӣ дар рушди илму маорифи миллӣ» баргузор гардид. Ҳамоиши илмӣ дар фазои арҷгузорӣ ба арзишҳои Истиқлоли давлатӣ ва бо ҳадафи таҳлилу арзёбии дастовардҳои соҳаи илму маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ, баррасии масъалаҳои рушди давлатдории миллӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмиву педагогӣ доир гардид. Конференсияро директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои техникӣ Ниёзӣ Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, иштирокчиёнро ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфт. Зимни суханронӣ таъкид гардид, ки Истиқлоли давлатӣ барои ташаккул ва рушди низоми миллии маориф, густариши таҳқиқоти илмӣ, таҳкими заминаҳои таълимию методӣ ва тарбияи насли соҳибмаърифату худшинос марҳалаи сифатан навро оғоз бахшид. Дар ин замина, ба суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истинод намуда, таъкиди Сарвари давлатро ёдовар шуд: «Тамоми дастовардҳои мо дар ободиву пешрафти Ватани азизамон, аз ҷумла дар соҳаи маориф, ки созандаи ояндаи миллат ва давлат ба ҳисоб меравад, маҳз самараи истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати пойдори миллӣ мебошанд». Зикр гардид, ки ин нуктаи Пешвои миллат моҳияти амиқи робитаи истиқлол, давлатдорӣ, илм ва маорифро ифода намуда, дар назди ҷомеаи илмӣ ва аҳли маориф вазифаҳои боз ҳам масъулиятнок мегузорад. Дар шароити муосир таҳқиқоти илмӣ бояд на танҳо ба омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, балки ба ҳалли масъалаҳои воқеии низоми маориф, такмили сифати таҳсилот, таҳияи технологияҳои муосири педагогӣ ва татбиқи натиҷаҳои илм дар амалияи таълиму тарбия равона карда шавад. Ҳамчунин, муовини президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, академик Каримова Ирина Холовна суханронӣ намуда, аҳаммияти Истиқлоли давлатиро дар ташаккул ва рушди низоми миллии маориф ва илми педагогӣ мавриди таваҷҷуҳ

қарор дод. Дар бахши илмии конференсия Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз, доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доир ба ҷойгоҳ ва нақши Истиқлоли давлатӣ дар рушди давлатдории миллӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ва пешрафти илму фарҳанг суханронӣ намуд. Дар идома Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди давлатдории миллӣ ҳамчун яке аз меҳварҳои муҳими конференсия мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, аҳаммияти сиёсати созанда ва ташаббусҳои давлатсозии Пешвои миллат дар таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон таъкид гардид. Сипас, Иматзода Лутфия, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, дар маърузаи худ масъалаҳои рушди илми педагогика ва низоми миллии таълиму тарбияро дар даврони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дод. Таъкид гардид, ки дастовардҳои замони истиқлол барои бознигарии мазмуну муҳтавои таҳсилот, рушди афкори педагогии миллӣ ва такмили заминаҳои илмӣ-методии раванди таълиму тарбия имкониятҳои фарох фароҳам овардаанд. Дар конференсия ҳамчунин ташаббусҳои хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар 35 соли Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, нақши онҳо дар таҳкими давлатдории миллӣ, рушди илму маориф, ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва баланд бардоштани мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардид. Дар ҷараёни мубодилаи афкор иштирокчиён ба масъалаҳои рушди илми педагогӣ, таҳкими заминаҳои назариявию методологии ислоҳоти соҳаи маориф, тарбияи насли худшиносу ватандӯст, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пайванди дастовардҳои илмӣ бо амалияи таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Конференсияи илмӣ-назариявӣ бо мубодилаи афкори илмӣ ва натиҷагирӣ аз масъалаҳои мавриди баррасӣ анҷом пазируфт.







